Даъват ба баррасии лоиҳа

Бо мақсади такмил ва ба шароити имрӯза мувофиқ гардонидани тартиби ташкили захираи кадрҳо ба мансабҳои роҳбарикунандаи маъмурии хизмати давлатӣ аз рӯи сифатҳои касбӣ ва қобилияти корӣ таъин намудани хизматчиёни давлатӣ аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия карда шуда, дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ бо нишонии www.ahd.tj ҷойгир карда шудааст.

Лоиҳаи мазкур аз 15 сентябри соли 2022, №03-1870 ба вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати баррасӣ ва пешниҳоди хулоса ирсол карда шудааст.

Дигар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо, хизматчиёни давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд лоиҳаи мазкурро таҳлилу баррасӣ намуда, эроду пешниҳодоти ҳудро дар шакли хаттӣ ё тариқи почтаи электронии 03-@ahd.tj ба шуъбаи идоракунии захираҳои инсонии Агентии хизмати давлатӣ ирсол намоянд.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ — Давлатов Ҷ.М.

АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: info 07-@ahd.tj

**№03-1870 аз «15» сентябри соли 2022**

**Ба №________ аз «____» ____________ соли 20**

Мақомоти давлатӣ
(тибқи руйхат)

Мавзӯъ: Дар бораи пешниҳоди лоиҳа барои мувофиқа

Бо арзи эҳтиром иттилоъ медиҳем, ки аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав таҳия гардида, мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба Шумо барои мувофиқа ирсол карда мешавад.

Хоҳишмандем, хулосаи худро дар муҳлатҳои муқарраргардида ба Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод намоед.

Замима: Лоиҳа бо забонҳои тоҷикию русӣ бо замимаҳо ва асосноккунии он дар 22 саҳифа.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ Давлатов Ҷ.М.

Асосноккунии
лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия карда шудааст.

Аз қабули Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 январи соли 2010, №756 тасдиқ карда шудааст, мӯҳлати зиёда аз 12 сол гузашта, дар ин давра дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи технологияҳои кадрӣ (озмун барои ишғоли мансабҳои холии хизмати давлатӣ, баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, ҷойивазкунии ҳайати роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ ва ғайраҳо) дар таҳрири нав қабул ё такмил дода шудаанд.

Таҳлили раванди татбиқи Низомномаи амалкунанда нишон медиҳад, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳар сол захираи кадрҳо ташкил карда шуда, амалан бо он кор намекунанд, ки ин ҳолат аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ ҳамасола таҳлил ва ҷамъбаст карда шуда, барои корбарӣ ва ислоҳи камбудиҳо ба мақомоти давлатӣ ирсол карда мешавад.

Бо назардошти ҳамин асосҳо тақозо карда мешавад, ки Низомномаи мазкур такмил дода шуда, василаи кадрии мазкур ба талаботи имрӯзаи рушди хизмати давлатӣ мувофиқ гардонида шавад.

Дар банди 2 лоиҳаи Низмномаи мазкур мансабҳои захирашаванда мушаххас нишон дода шуда, дар банди 4 санади мазкур пешбинӣ мешавад, ки барои мансабҳои интихобии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (категорияҳои сеюм ва дуюм) ва мансабҳои роҳбарикунандаи категорияҳои чорум (барои ҳамаи мақомоти давлатӣ) захираи кадрҳо ташкил карда намешавад.

Захираи кадрҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тибқи қонунгузории соҳавӣ амалӣ карда мешавад.

Дар лоиҳаи амалкунанда барои мансабҳои категорияи олӣ синни ниҳоии кадрҳои захира то 50-сола пешбинӣ гардидааст, ки ба истифодаи минбаъдаи кадрҳои таҷрибадор монеа эҷод мекунад.

Дар робита ба ин дар лоиҳаи нав барои мансабҳои захирашаванда синни ниҳоии кадрҳои захира барои мансабҳои категорияҳои сеюм ва дуюм то 45- сола, категорияи якум то 50- сола ва барои мансабҳои категорияи олӣ ва сиёсӣ синни ниҳоӣ то 55- сола пешбинӣ карда шудааст.

Тибқи талаботи Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019, №1287 тасдиқ карда шудааст,

роҳбари мақоми давлатӣ метавонад, 10 фоизи хизматчиёни давлатиеро, ки аз натиҷаи баҳодиҳии фаъолият баҳои «5» (аъло) гирифтаанд, ба мансаби баландтар таъин намуда, дар як вақт барои ба захираи кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ дохил кардани 90 фоизи дигари онҳо қарор қабул намояд.

Масъалаи мазкур дар лоиҳаи Низомнома ба инобат гирифта шуда, мутобиқати байни ин санадҳо таъмин карда шудааст.

Инчунин дар лоиҳа дар асоси талботи банди 58 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд (бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №АП-144 тасдиқ карда шудааст), интихоб ва таъини кадрҳои донандаи забонҳои хориҷӣ ба мансабҳои мақомоти давлатӣ ва пас аз 10 сол ҳамчун шарти ҳатмӣ дар қонунгузорӣ муқаррар кардани ба мансабҳои роҳбарикунанда интихобу таъин намудани шахсони донандаи на кам аз ду забони хориҷӣ (русӣ ва англисӣ), барои кадрҳои захира донистани забонҳои хориҷӣ яке аз талаботҳои ҳатмӣ пешбинӣ гардидааст.

Мувофиқи лоиҳа ба рӯйхати захираи кадрҳо дар давоми сол ба истиснои ҳолатҳои аз захира хориҷ намудан тағйирот ворид карда намешавад.

Тибқи лоиҳа пешбинӣ шудааст, ки мақомоти давлатӣ рӯйхатҳои захираи кадрҳоро барои соли навбатӣ (мувофиқи замимаҳои 1 ва 2) ва рӯйхати кадрҳоеро, ки дар соли ҷорӣ аз ҳисоби захираи кадрҳо ба мансабҳо таъин карда шудаанд (мувофиқи замимаи 3) на дертар аз 10 январ ба мақоми ваколатдор пешниҳод намояд.

Ҳамчунин дар лоиҳаи мазкур боз дигар тағйиру иловаҳо низ пешниҳод карда шудаанд.

Бо назардошти ҳамин асосҳо ва бинобар аз нисф зиёди бандҳои санади қаблиро фаро гирифтани тағйиру иловаҳо лоиҳаи Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия карда шуда, ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», қоидаҳои забони давлатӣ ва тамоюлҳои рушди хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ карда шудааст.

Дар лоиҳа омилҳои коррупсионӣ ҷой надошта, татбиқи он маблағгузории иловагии буҷетиро талаб намекунад.

Бо назардошти асосҳои зикргардида ва талаботи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳаи мазкур барои баррасӣ пешниҳод карда мешавад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ЛОИҲА

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Оид ба Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бо мақсади ташаккули низоми захираи кадрҳо ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои талаботи Низомномаи мазкурро таъмин намоянд.

3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 январи соли 2010 №756 «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Доимиетых
12.09.22 (АКЛ)

Лоиҳа

# Н И З О М Н О М А
## дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Низомнома) тартиби ташкили захираи кадрҳо барои мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, таҳияи рӯйхати захираи кадрҳо ва кор бо онҳоро танзим менамояд.

2. Захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд -захираи кадрҳо) барои ишғоли мансабҳои роҳбарикунандаи холии категорияҳои сеюм (танҳо барои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ), дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои сиёсӣ (барои ҳамаи мақомоти давлатӣ) - бо мақсади рушди идоракунии давлатӣ, таъмини эҳтиёҷоти мақомоти давлатӣ бо кадрҳо ва болоравии мансабии хизматчиёни давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ аз ҳисоби кадрҳои баландихтисос ва қобилиятноки дорои малакаи идоракунӣ ташкил карда мешавад.

3. Захираи кадрҳо барои мансабҳои нигоҳдошташаванда ва дигар мансабҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур ташкил карда мешавад.

4. Барои мансабҳои интихобии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва мансабҳои роҳбарикунандаи категорияҳои чорум захираи кадрҳо ташкил карда намешавад.

5. Захираи кадрҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тибқи қонунгузории соҳавӣ амалӣ карда мешавад.

6. Принсипҳои асосии ташкили захираи кадрҳо ва кор бо кадрҳои захира:

-масъулияти шахсии роҳбарони мақомоти давлатӣ барои ташкили захираи кадрҳо ва кор бо кадрҳои захира;

- ошкоро ва шаффофият дар ташкили захираи кадрҳо;

-боварӣ ва эҳтиром нисбат ба кадрҳои захира;

-баҳодиҳӣ ба сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории кадрҳои захира;

-таъмини болоравии мансабӣ;

- таъмини баробарҳуқуқии кадрҳои захира аз рӯи тайёрии касбӣ ва қобилияти корӣ.

7. Ташкили захираи кадрҳо, таҳияи рӯйхати захираи кадрҳо ва кор бо онҳо иҷрои вазифаҳои зеринро дар бар мегирад:

-муайян намудани эҳтиёҷоти мақомоти давлатӣ ба кадрҳои роҳбарикунанда;

-дохил намудан ба захираи кадрҳо ва таҳияи рӯйхати захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ;

-пешниҳоди рӯйхати захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ барои соли навбатӣ ва натиҷаи ҳолати кор бо кадрҳои захира дар соли гузашта ба мақоми ваколатдори давлатии соҳаи хизмати давлатӣ (минбаъд-мақоми ваколатдор);

-тайёр намудани кадрҳои захира (такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ);

-истифодаи кадрҳои захира (таъин ба мансабҳои роҳбарикунанда).

8. Роҳбарони мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (минбаъд-роҳбари мақоми давлатӣ) барои иҷрои чорабиниҳо оид ба ташкили захираи кадрҳо, тайёр намудани кадрҳои захира ва ба мансабҳои дахлдори давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод ва таъини онҳо масъул мебошанд.

9. Ташкили кор бо захираи кадрҳоро хадамоти кадрии мақоми давлатӣ амалӣ менамояд.

10. Роҳбарии методӣ ва назорати фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба ташкили захираи кадрҳо ва кор бо кадрҳои захираро мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ амалӣ мегардонад.

## 2. Тартиби ташкили захираи кадрҳо ва таҳияи рӯйхати захираи кадҳо

11. Захираи кадрҳо бо риояи талаботи тахассусии барои мансабҳо муқарраргардида ва дигар хусусиятҳои соҳавӣ дар асоси пешниҳоди роҳбари мақоми давлатӣ, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва хадамоти кадрии мақоми давлатӣ, инчунин тавсияи комиссияи аттестатсионии мақомоти давлатӣ ва натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ташкил карда мешавад. Барои як мансаб мумкин аст то се нафар ба захираи кадрҳо дохил карда шавад.

12. Ҳангоми пешниҳод ба захираи кадрҳо бояд талаботи зерин ба асос гирифта шавад:

- сифатҳои касбӣ, яъне сатҳи донишҳои касбӣ, донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои барномавии танзимкунандаи соҳа;
- қобилияти корӣ, яъне доштани малакаи роҳбарӣ, ташаббускорӣ, донистани забони давлатӣ, забонҳои хориҷӣ, маҳорати кор бо технологияҳои иттилоотӣ (электронӣ);
- сифатҳои ахлоқӣ, яъне боодобӣ, поквиҷдонӣ, адолатнокӣ, ботамкинӣ, маҳорати кор карда тавонистан бо тобеон, ҳамкорон ва муроҷиаткунандагон.

13. Синни ниҳоии кадрҳои захира барои мансабҳои категорияҳои сеюм ва дуюм то 45-сола, категорияи якум то 50- сола ва барои мансабҳои категорияи олӣ ва сиёсӣ то 55- сола мебошад.

14. Захираи кадрҳо барои мансабҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби шахсони зерин ташкил карда мешавад:

-хизматчиёни давлатие, ки мувофиқи тавсияҳои комиссияи аттестатсионии мақоми давлатӣ ва натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти

хизматчии давлатӣ барои дохил кардан ба захираи кадрҳо пешбарӣ шудаанд;

-хизматчиёни давлатии воҳидҳои сохторҳои дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии мақоми давлатӣ, кормандони корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои соҳаи дахлдор барои дохил намудан ба захираи кадрҳои мақоми давлатии дахлдор, хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, кормандони корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳудуди дахлдор барои дохил намудан ба захираи кадрҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

15. Захираи кадрҳо барои мансабҳои нигоҳдошташаванда ва дигар мансабҳо бе муқаррар намудани синни ниҳоӣ барои кадрҳои захира аз ҳисоби шахсони зерин ташкил карда мешавад:

-хизматчиёни давлатие, ки аз тарафи мақоми давлатӣ бо озод шудан аз мансаб ба таҳсил фиристода шудаанд- барои ишғоли мансабҳои қаблӣ ва баробар ба мансабе, ки то таҳсил ишғол намудаанд. Чунин хизматчиёни давлатӣ бо пешниҳоди хадамоти кадрии мақоми давлатие, ки онҳоро барои таҳсил фиристодааст, дар давраи таҳсил ба захираи кадрҳо дохил карда мешаванд;

- хизматчиёни давлатие, ки аз тарафи мақоми давлатӣ ҳангоми хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок аз кор озод карда шудаанд- барои ишғоли мансабҳои қаблӣ ё баробар ба мансабе, ки то даъват ба хизмати ҳарбӣ ишғол намудаанд. Чунин хизматчиёни давлатӣ бо пешниҳоди хадамоти кадрии мақоми давлатие, ки корманд аз он ба хизмати ҳарбӣ даъват шудааст, дар давраи адои хизмати ҳарбӣ ба захираи кадрҳо дохил карда мешаванд;

-хизматчиёни давлатие, ки бинобар барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳидҳои корӣ аз мансаб озод карда шудаанд- барои ишғоли мансабҳои баробар ба мансабҳое, ки то озод шудан ишғол намудаанд. Чунин хизматчиёни давлатӣ бо пешниҳоди хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ ба муҳлати як сол ба захираи кадрҳо дохил карда мешаванд;

- дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

16. Хизматчии давлатӣ ё корманде, ки ба якчанд мансаби роҳбарикунанда ба захираи кадрҳо пешниҳод карда шудааст, ба мансаби баландтари пешниҳодшуда ё дар ҳолати баробар будани мансабҳои пешниҳодшуда тибқи қарори комиссия оид ба захираи кадрҳои мақоми давлатӣ ба захираи кадрҳои мақоми давлатӣ ба як мансаб ба захираи кадрҳо дохил карда мешавад.

17. Кадрҳои захира ба мансабҳои пешбаришудаи категорияи олӣ, сиёсӣ бо тартиби муқаррааргардида, ба мансабҳои категорияи сеюм, дуюм, якум бо риояи талаботи тахассусӣ бе гузаронидани озмун таъин карда мешаванд.

18. Роҳбари мақоми давлатӣ метавонад кадрҳои захираро ба мансабҳои роҳбарикунандаи баробар ва ё пасттар бо риояи талаботи тахассусӣ таъин намояд.

19. Дар мақоми ваколатдор махзани маълумоти кадрҳои захира барои ишғоли мансабҳои роҳбарикунанда (категорияҳои сеюм, дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои сиёсӣ) ташкил карда мешавад.

## 3. Комиссия оид ба захираи кадрҳои мақоми давлатӣ

20. Бо фармоиши (қарори, амри) роҳбари мақоми давлатӣ барои интихоби кадрҳои захира комиссия оид ба захираи кадрҳои мақоми давлатӣ (минбаъд-комиссия) таъсис дода мешавад.

21. Комиссия дар ҳайати раис, котиб ва аъзои комиссия, иборат аз 5-7 нафар ташкил карда шуда, доимоамалкунанда мебошад.

22. Ба ҳайати комиссия роҳбари мақоми давлатӣ ва/ё муовинони ӯ (ишғолкунандаи мансаби баландтар раиси комиссия мебошад), намояндаҳои хадамоти кадрӣ, иттифоқи касаба, дигар кормандони таҷрибадори мақоми давлатӣ дохил карда мешаванд.

23. Комиссия вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- муайян кардани вақти баррасии пешниҳодҳо дар бораи дохил намудан ба захираи кадрҳо;
- баррасии пешниҳодҳо ва муайян намудани мувофиқати кадрҳои захирашаванда ба талаботи тахассусии мансабҳои пешбинишуда;
- омӯзиши сифатҳои касбӣ, қобилияти корӣ, рафтори хизматӣ (корӣ) ва ғайрихизматии (ғайрикории) кадрҳои ба захира пешниҳодшуда;
- суҳбат бо кадрҳои ба захира пешниҳодшуда;
- таҳия ва пешниҳоди рӯйхатҳои захираи кадрҳо барои соли навбатӣ барои тасдиқ ба роҳбари мақоми давлатӣ ва рӯйхати кадрҳое, ки дар соли ҷорӣ аз ҳисоби захираи кадрҳо ба мансабҳо таъин карда шудаанд (мувофиқи шаклҳои замимагардида);
- баррасии пешниҳодҳо оид ба хориҷ намудан аз рӯйхати захираи кадрҳо.

24. Комиссия дар давоми сол (аз рӯи зарурат) ва дар моҳи декабр (ҳатман) ҷаласа доир карда, масъалаҳои дохил намудан ба захираи кадрҳо ва/ё хориҷ намудан аз захираи кадрҳоро баррасӣ мекунад. Қарорҳои комиссия дар шакли протокол ба расмият дароварда мешаванд.

25. Ҷаласаи комиссия ҳамон вақт салоҳиятнок ҳисоб карда мешавад, ки дар кори он аз се ду ҳиссаи аъзои комиссия иштирок дошта бошанд.

26. Аз натиҷаи ҷаласаи комиссия дар моҳи декабр рӯйхати захираи кадрҳои мақоми давлатӣ барои соли оянда мувофиқи шаклҳои замимагардида таҳия шуда, барои тасдиқ (бо фармоиш, қарор, амр) ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод карда мешавад. Ба рӯйхати захираи кадрҳо дар давоми сол ба истиснои ҳолатҳои аз захира хориҷ намудан тағйирот ворид карда намешавад.

27. Кадрҳои захира дар ҳолатҳои зерин аз рӯйхати захираи кадрҳо хориҷ карда мешаванд:

-мавҷуд будани муҷозоти интизомӣ ё маъмурӣ;

- пешниҳоди аризаи шахсӣ оид ба хориҷ намудан аз захираи кадрҳои мақоми давлатӣ;

- озод намудан аз мансаби ишғолнамуда ё таъин гардидан ба мансаби дигар;

- риоя накардани маҳдудиятҳо ва дигар талаботҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

- риоя накардани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»;

- риоя накардани талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

28. Масъалаи хориҷ намудан аз захираи кадрҳо бо пешниҳоди роҳбари мақоми давлатӣ, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва хадамоти кадрии мақоми давлатӣ аз ҷониби комиссия баррасӣ карда мешавад. Қарори комиссия дар бораи хориҷ намудан аз рӯйхати захираи кадрҳо дар асоси талаботи банди 27 Низомномаи мазкур ба расмият дароварда мешавад.

29. Хадамоти кадрии мақоми давлатӣ ба баррасии ҷаласаҳои комиссия вобаста ба ташкили захираи кадрҳо ва ё хориҷ намудан аз захираи кадрҳо ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- парвандаи шахсӣ ва маълумотнома-справкаи кадрҳои захира бо расми андозаи 4х6;

- тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ ва натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ;

- пешниҳоди роҳбари мақоми давлатӣ, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва хадамоти кадрӣ дар бораи дохил (хориҷ) намудан ба (аз) захираи кадрҳо.

## 4. Тайёр намудани кадрҳои захира

30. Тайёр намудани кадрҳои захира бо роҳи такмили ихтисос ва/ё таҷрибаомӯзӣ тибқи меъёрҳои пешбининамудаи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ амалӣ карда мешавад.

31. Такмили ихтисос дар муассисаҳои такмили ихтисоси соҳавӣ ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад.

32. Такмили ихтисос ва/ё таҷрибаомӯзии кадрҳои ба захира гирифташуда мумкин аст дар хориҷи кишвар низ ташкил карда шавад.

33. Таҷрибаомӯзӣ дар шаклҳои зерин сурат мегирад:

- иҷрои уҳдадориҳои мансабии мансаби дар рӯйхати захираи кадрҳо пешбинишуда;

-иштирок дар чорабиниҳои мубодилаи таҷриба ва дорои хусусияти омӯзишӣ;

-иҷрои супоришҳои алоҳида;

-омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ.

## 5. Муқаррароти хотимавӣ

34. Баҳсҳои вобаста ба масъалаи захираи кадрҳо аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ, мақоми ваколатдор ё суд баррасӣ карда мешавад.

35. Мақоми давлатӣ уҳдадор аст, ки рӯйхатҳои захираи кадрҳоро барои соли навбатӣ (мувофиқи замимаҳои 1 ва 2) ва рӯйхати кадрҳоеро, ки дар соли ҷорӣ аз ҳисоби захираи кадрҳо ба мансабҳо таъин карда шудаанд (мувофиқи замимаи 3) на дертар аз 10 январ ба мақоми ваколатдор пешниҳод намояд.

36. Мақоми ваколатдор дар моҳи феврал оид ба ҷамъбасти ҳолати кор бо захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбороти солона пешниҳод менамояд.

Замимаи 1
ба Низомнома дар бораи
захираи кадрҳои хизмати давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

# РӮЙХАТИ

захираи кадрҳои мансабҳои роҳбарикунандаи ____________________ барои соли 202__
(номи мақоми давлатӣ)

| Р/т | Номгӯи мансабҳои захирашаванда, категорияи мансабҳо | Талаботи тахассусӣ | Р/т | Насаб, ном, номи падари кадр(ҳо)-и ба захираи кадрҳо пешниҳодгардида | Соли таваллуд, ҷои таваллуд, миллат | Таҳсилот, кай ва кадом муассисаи таҳсилотиро хатм кардааст, ихтисос | Мансаб (вазифаи)-и ишғолнамуда | Собиқаи умумӣ, собиқаи хизмати давлатӣ | Асос барои ба захира ворид намудан | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 1 | | | 1 | | | | | | | |
| | | | 2 | | | | | | | |
| | | | 3 | | | | | | | |
| 2 | | | 1 | | | | | | | |
| | | | 2 | | | | | | | |
| | | | 3 | | | | | | | |
| 3 | | | 1 | | | | | | | |
| | | | 2 | | | | | | | |
| | | | 3 | | | | | | | |
| 4 | | | 1 | | | | | | | |
| | | | 2 | | | | | | | |
| | | | 3 | | | | | | | |
| 5 | | | 1 | | | | | | | |
| | | | 2 | | | | | | | |
| | | | 3 | | | | | | | |
| 6 | | | 1 | | | | | | | |
| | | | 2 | | | | | | | |
| | | | 3 | | | | | | | |

Масъули хадамоти кадрӣ ____________________ ____________________ ____________________
(мансаби ишғолнамуда) (имзо) (насаб, сарҳарфҳои ном ва номи падар)

« ____ » ________________ соли 202_
(санаи тартиб додан)

Замимаи 2
ба Низомнома дар бораи
захираи кадрҳои хизмати давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

# РӮЙХАТИ

захираи кадрҳои мансабҳои нигоҳдошташаванда дар ______________________________ барои соли 202__
(номи мақоми давлатӣ)

| Р/т | Номгӯи мансабҳои нигоҳдошташаванда | Насаб, ном, номи падари кадр(ҳо)-и ба захираи кадрҳои мансабҳои нигоҳдошташаванда пешниҳодшуда | Мансаби ишғолнамуда ва санаи озод намудан аз мансаб | Таҳсилот, кай ва кадом муассисаи таҳсилотиро хатм кардааст, ихтисос | Собиқаи умумӣ, собиқаи хизмати давлатӣ | Асос барои ба захираи кадрҳои мансаби нигоҳдошташаванда ворид намудан | Муҳлати захира | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 1 | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | |
| 7 | | | | | | | | |
| 8 | | | | | | | | |
| 9 | | | | | | | | |
| 10 | | | | | | | | |
| 11 | | | | | | | | |
| 12 | | | | | | | | |

Масъули хадамоти кадрӣ ____________________ ____________ ______________________________
(мансаби ишғолнамуда) (имзо) (насаб, сарҳарфҳои ном ва номи падар)

« ____ » ________________ соли 202____
(санаи тартиб додан)

ЧДонаеѓох 140922 (АЛ 1)

Замимаи 3
ба Низомнома дар бораи
захираи кадрҳои хизмати давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

# РӮЙХАТИ

кадрҳое, ки дар соли ҷорӣ аз рӯйхати захираи кадрҳо ба мансабҳо дар ________________ таъин карда шудаанд
(номи мақоми давлатӣ)

| Р/т | Насаб, ном, номи падари кадр(ҳо), ки ба захираи кадрҳо ворид карда шудаанд | Мансаби ишғолнамуда, категорияи мансаб ва санаи таъин | Мансаби таъиншуда ва санаи таъин | Таҳсилот, кай ва кадом муассисаи таҳсилотиро хатм кардааст, ихтисос | Собиқаи умумӣ, собиқаи хизмати давлатӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |
| 7 | | | | | | |
| 8 | | | | | | |
| 9 | | | | | | |
| 10 | | | | | | |
| 11 | | | | | | |
| 12 | | | | | | |
| Ҳамагӣ | | | | | | |

Эзоҳ: Дар сутуни эзоҳ ҳангоми таъин ба дигар мансаби роҳбарикунанда ё ба мансаби пастар қайд карда шавад.

Масъули хадамоти кадрӣ ________________ ________________ ________________
(мансаби ишғолнамуда) (имзо) (насаб, сарҳарфҳои ном ва номи падар)

« ____ » ________________ соли 202__
(санаи тартиб додан)

Ҷ. Бахриддинов
140922 (АХД)

ПРОЕКТ

# УКАЗ
# ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## О Положении о резерве кадров государственной службы Республики Таджикистан

В соответствии со статьей 26 Закона Республики Таджикистан «О государственной службе» с целью формирования системы резерва кадров п о с т а н о в л я ю:

1. Утвердить Положение о резерве кадров государственной службы Республики Таджикистан (прилагается).
2. Руководителям центральных и местных органов государственной власти обеспечить исполнение требований настоящего Положения.
3. Указ Президента Республики Таджикистана от 14 января 2010 года №756 «Об утверждении Положение о резерве кадров государственной службы Республики Таджикистан» признать утратившим силу.

Президент
Республики Таджикистан

[illegible]
140922 (АГС)

Проект

# ПОЛОЖЕНИЕ
## о резерве кадров государственной службы Республики Таджикистан

### 1. Общие положения

1. Положение о резерве кадров государственной службы Республики Таджикистан (далее - Положение) регулирует порядок формирования резерва кадров для государственных должностей государственной службы, составления списка резерва кадров и организации работы с ними.

2. Резерв кадров государственной службы Республики Таджикистан (далее–резерв кадров) формируется для замещения вакантных руководящих должностей третьей (только для местных исполнительных органов государственной власти), второй, первой, высшей категорий и политических должностей (для всех органов государственной власти) в целях развития государственного управления, обеспечения потребностей государственных органов в кадрах и продвижения государственных служащих на основе служебных достижений из числа квалифицированных и компетентных кадров, имеющих управленческие способности.

3. Для сохраняемых и других должностей государственной службы Республики Таджикистан резерв кадров организуется в порядке, установленном нормативными правовыми актами Республики Таджикистан и настоящим Положением.

4. Для выборных должностей органов самоуправления поселков и сел и должностей четвертой категории резерв кадров не составляется.

5. Резерв кадров военнослужащих и государственных служащих правоохранительных органов формируется в соответствии с отраслевым законодательством.

6. Основные принципы организации резерва кадров и работы с резервными кадрами:

- личная ответственность руководителей государственных органов для организации резерва кадров и работы с резервными кадрами;
- гласность и прозрачность в формировании резерва кадров;
- доверие и уважение к резервным кадрам;
- оценка профессиональных качеств и деловых способностей резервных кадров;
- обеспечение карьерного роста;
- обеспечение равноправия резервных кадров на основе профессиональной подготовки и деловых способностей.

7. Формирование резерва кадров, составление списка резервных кадров и работа с ними охватывает выполнение следующих задач:

- определение потребности государственных органов в руководящих кадрах;

- включение в резерв кадров и составление списка резерва кадров государственных органов;

- представление списка резерва кадров государственных органов для очередного года и результатов работы с кадровым резервом за прошедший год в государственный уполномоченный орган сферы государственной службы (далее- уполномоченный орган);

- подготовка резервных кадров (повышение квалификации и стажировка);

- использование резервных кадров (назначение на руководящие должности).

8. Руководители центральных органов государственной власти и местных исполнительных органов государственной власти (далее - руководитель государственного органа) являются ответственными за выполнение мероприятий по организации резерва кадров, подготовке резервных кадров, представление и назначение на соответствующие государственные должности государственной службы.

9. Организацию работы с резервом кадров осуществляет кадровая служба государственного органа.

10. Методическое руководство и контроль деятельности государственных органов по организации резерва кадров и работе с резервными кадрами осуществляется уполномоченным органом.

## 2. Порядок формирования резерва кадров и составления списка резерва кадров

11. Резерв кадров организуется с соблюдением установленных квалификационных требований к должностям и иными отраслевыми особенностями на основании представлений руководителя государственного органа, руководителей структурных подразделений и кадровых служб государственного органа, а также рекомендации аттестационной комиссии государственного органа и результатов оценки деятельности государственных служащих. На одну должность в резерв кадров можно включить до трех человек.

12. При рассмотрении представлений о включении в резерв кадров следует учитывать следующие требования:

- профессиональные качества, т.е., уровень профессиональных знаний, знание нормативных правовых актов и программных актов, регулирующих сферу;

- деловые способности, т.е., владение управленческими навыками, инициативность, знание государственного языка, иностранных языков, навыки работы с информационными (электронными) технологиями;

- моральные качества, т.е., порядочность, честность, справедливость, сдержанность, умение работать с подчиненными, коллегами и заявителями.

13. Предельный возраст резервных кадров составляет для должностей третьей и второй категорий до 45 лет, для первой категории до 50 лет, для высшей категории и политических должностей до 55 лет.

14. Резерв кадров для руководящих должностей формируется из числа следующих лиц:

- государственные служащие, представленые для включения в резерв кадров в соответствии с рекомендациями аттестационной комиссии государственного органа и результатом оценки деятельности государственного служащего;

- государственные служащие структурных подразделений центральных апаратов и местных структур государственного органа, работники предприятий, учреждений и иных организаций соответствующей отрасли для включения в резерв кадров соответствующего государственного органа, государственные служащие местных исполнительных органов государственной власти и органов самоуправления посёлков и сел, работники предприятий, учреждений и организаций соответствующей территории для включения в резерв кадров местных исполнительных органов государственной власти.

15. Резерв кадров для сохраняемых и других должностей государственной службы организуется без установления предельного возраста для кадрового резерва из числа следующих лиц:

- государственные служащие, направленные на учебу государственным органом с освобождением от должности - на замещение прежних должностей и приравненные должности, занимаемой до учебы. Такие государственные служащие включаются в резерв кадров на период обучения по предложению кадровой службы государственного органа, направившего их на обучение;

- государственные служащие, освобожденые от должности государственным органом в связи с прохождением обязательной срочной военной службы- на замещение прежних должностей или должностей приравненных к должностям, которые занимали до призыва на военную службу. Такие государственные служащие включаются в резерв кадров на период прохождения военной службы по предложению кадровой службы государственного органа, из которого сотрудник был призван на военную службу;

- государственные служащие, освобождённые от должности в связи с упразднением, реорганизацией и преобразованием государственного органа, сокращением численности или штатов - на замещение приравненных должностей, которые занимали до освобождения. Такие государственные служащие включаются в резерв кадров по предоставлению кадровой службы государственного органа сроком на один год;

- другие случаи, установленные законодательством Республики Таджикистан.

16. Государственный служащий или сотрудник, представленный на несколько руководящих должностей в резерв кадров, включается в

вышестоящую, или при равенстве представленных должностей, по решению комиссии по резерву кадров государственного органа на одну должность.

17. Резервные кадры назначаются на представленные должности высшей категории и политические должности в установленном порядке, на должности третьей, второй и первой категорий с соблюдением квалификационных требований без проведения конкурса.

18. Руководитель государственного органа может назначать резервных кадров на равные или нижестоящие руководящие должности в соответствии с квалификационными требованиями.

19. В уполномоченном органе для руководящих должностей (третьей, второй, первой, высшей категории и политических должностей) организуется база данных резервных кадров.

## 3. Комиссия по резерву кадров государственного органа

20. Распоряжением (постановлением) руководителя государственного органа для подбора резервных кадров образуется комиссия по резерву кадров государственного органа (далее - комиссия).

21. Комиссия создаётся в составе председателя, секретаря и членов комиссии из 5-7 лиц и является постоянно- действующей.

22. В состав комиссии входят руководитель государственного органа и/или его заместители (председателем комиссии является лицо, занимающее более высокую должность), представители кадровой службы, профессиональных союзов и другие опытные работники государственного органа.

23. Комиссия выполняет следующие задачи:

- определение времени рассмотрения представлений о включении в резерв кадров;
- рассмотрение представлений и определение соответствия резервных кадров квалификационным требованиям представленных должностей;
- изучение профессиональных качеств, деловых способностей, служебного (рабочего) и внеслужебного (нерабочего) поведения кадров, представленных в резерв;
- собеседование с кадрами, представленных в резерв;
- подготовка и представление списков резерва кадров на следующей год на утверждение руководителя государственного органа и списка кадров, назначенных на должности в текущем году из резерва кадров (по прилагаемым формам);
- рассмотрение представлений об исключении из списка резерва кадров.

24. Комиссия проводит свои заседания в течение года (по мере надобности) и в декабре месяце (обязательно) и рассматривает вопросы включения в резерв кадров и/или исключения из резерва кадров. Решения комиссии оформляются в виде протокола.

25. Заседание комиссии считается правомочным, если в его работе принимает участие не менее двух третей членов комиссии.

26. По итогам заседания комиссии, в декабре месяце составляется список резерва кадров государственного органа на следующий год по приложенным формам и будет представлен руководителю государственного органа на утверждение (распоряжением, решением). В список резерва кадров в течение года не вносится изменения, кроме случаев исключения из резерва.

27. Кадровый резерв исключается из списка резерва кадров в следующих случаях:

- наличие дисциплинарных или административных наказаний;
- представление личного заявления об исключении из резерва кадров государственного органа;
- освобождения от занимаемой должности или назначения на другую должность;
- несоблюдение ограничений и иных требований, установленных законами Республики Таджикистан «О государственной службе», «О противодействии коррупции» и иными законодательными актами Республики Таджикистан;
- несоблюдение положений законов Республики Таджикистан «Об упорядочении традиций, торжеств и обрядов в Республике Таджикистан», «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей», «О свободе совести и религиозных объединениях»;
- несоблюдение требований Кодекса этики государственного служащего Республики Таджикистан.

28. Вопрос об исключении из резерва кадров рассматривается комиссией по представлению руководителя государственного органа, руководителей структурных подразделений и кадровых служб государственного органа. Решение комиссии об исключении из списка резерва кадров оформляется на основании требований пункта 27 настоящего Положения.

29. Кадровая служба государственного органа представляет на рассмотрение заседания комиссии следующие документы, связанные с организацией резерва кадров или исключением из резерва кадров:

- личное дело и справка-объективка кадрового резерва с фотографией размером 4х6;
- рекомендации аттестационной комиссии и результаты оценки деятельности государственного служащего;
- представления руководителя государственного органа, руководителей структурных подразделений и кадровой службы о включении в резерв кадров или исключении из резерва кадров.

## 4. Подготовка резервных кадров

30. Подготовка резервных кадров осуществляется путем повышения квалификации и (или) стажировки в соответствии с нормами, предусмотренными законодательством сферы государственной службы.

31. Повышение квалификации осуществляется в отраслевых учреждениях повышения квалификации и Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.

32. Повышение квалификации и/или стажировку резервных кадров можно организовать и за рубежом.

33. Стажировка проводится в следующих формах:

- выполнение должностных обязанностей предусмотренной в списке резерва кадров должности;
- участие в мероприятиях по обмену опытом и образовательного характера;
- выполнение отдельных задач;
- изучение опыта зарубежных стран.

## 5. Заключительные положения

34. Споры, связанные с вопросами резерва кадров, рассматриваются руководителем государственного органа, уполномоченным органом или судом.

35. Государственный орган обязан представить списки резерва кадров на следующий год (согласно приложениям 1 и 2) и список кадров, назначенных на должности из числа резерва кадров в текущем году (согласно приложению 3) не позднее 10 января в уполномоченный орган.

36. Уполномоченный орган представляет Президенту Республики Таджикистан, в феврале месяце, годовую информацию по итогам состояния работы с резервом кадров государственных органов.



Идомесетбу 1409дд (АГС)

Приложение 1
к Положению о резерве кадров
государственной службы
Республики Таджикистан

# СПИСОК

резерва кадров руководящих должностей ______________________________ для 202__ года
(наименование государственного органа)

| П/н | Перечень резервных должностей, категорий должностей | Квалификационные требования | П/н | Фамилия, имя, отчество кадров, представленных в резерв кадров | Дата рождения, место рождения, национальность | Образование, когда и какое учебное заведение окончил, специальность | Занимаемая должность | Общий стаж, стаж государственной службы | Основание для включения в резерв кадров | Примечание |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 1 | | | 1 | | | | | | | |
| | | | 2 | | | | | | | |
| | | | 3 | | | | | | | |
| 2 | | | 1 | | | | | | | |
| | | | 2 | | | | | | | |
| | | | 3 | | | | | | | |
| 3 | | | 1 | | | | | | | |
| | | | 2 | | | | | | | |
| | | | 3 | | | | | | | |
| 4 | | | 1 | | | | | | | |
| | | | 2 | | | | | | | |
| | | | 3 | | | | | | | |
| 5 | | | 1 | | | | | | | |
| | | | 2 | | | | | | | |
| | | | 3 | | | | | | | |
| 6 | | | 1 | | | | | | | |
| | | | 2 | | | | | | | |
| | | | 3 | | | | | | | |

Ответственный сотрудник кадровой службы ____________________ ____________________ ______________________________
(занимаемая должность) (подпись) (фамилия, инициалы имени и отчества)

« ____ » ________________ 202_ года
(дата составления)

Юнусов
( 140922 (АГС)

Приложение 2
к Положению о резерве кадров
государственной службы
Республики Таджикистан

# СПИСОК

резерва кадров для сохраняемых должностей ______________________________ для 202__ года
(наименование государственного органа)

| П/н | Перечень сохраняемых должностей | Фамилия, имя, отчество кадров, представленных в резерв кадров для сохраняемых должностей | Занимаемая должность и дата освобождения от должности | Образование, когда и какое учебное заведение окончил, специальность | Общий стаж, стаж государственной службы | Основание для включения в резерв кадров для сохраняемых должностей | Период резерва | Примечание |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 1 | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | |
| 7 | | | | | | | | |
| 8 | | | | | | | | |
| 9 | | | | | | | | |
| 10 | | | | | | | | |
| 11 | | | | | | | | |
| 12 | | | | | | | | |

Ответственный сотрудник кадровой службы ____________________ ____________________ ______________________________
(занимаемая должность) (подпись) (фамилия, инициалы имени и отчества)

«____» ________________ 202_ года
(дата составления)

Шомахмадов 14.09.22 (АГС)

Приложение 3
к Положению о резерве кадров
государственной службы
Республики Таджикистан

# СПИСОК

кадров, которые в текущем году назначены из списка резерва кадров на должности в ________________________________________
(наименование государственного органа)

| Р/т | Фамилия, имя, отчество, включённых в резерв кадров | Занимаемая должность, категории должности и дата назначения | Назначенная должность и дата назначения | Образование, когда и какое учебное заведение окончил, специальность | Общий стаж, стаж государственной службы | Примечание |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |
| 7 | | | | | | |
| 8 | | | | | | |
| 9 | | | | | | |
| 10 | | | | | | |
| 11 | | | | | | |
| 12 | | | | | | |
| | Итого | | | | | |

Примечание: В столбце Примечании указывается назначение на другие руководящие должности или на должность ниже категорией.

Ответственный сотрудник кадровой службы ____________________ ____________________ ________________________________
(занимаемая должность) (подпись) (фамилия, инициалы имени и отчества)

«____» ________________ 202_ года
(дата составления)

Рӯйхати
маќомоти давлатӣ барои ирсоли мактуби Агентии хизмати давлатӣ
аз «15» 03 соли 2022, №03-1870 барои мувофиқа

| *Р/т* | *Номгӯи мақомоти давлатӣ* | *Эзоҳ* |
|---|---|---|
| **Мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ** | | |
| ***Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | | |
| 1 | Кумитаи рушди маҳал | |
| 2 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | |
| ***Вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | | |
| 2 | Вазорати адлия | |
| 3 | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ | |
| 4 | Вазорати молия | |
| 5 | Вазорати рушди иқтисод ва савдо | |
| 6 | Вазорати энергетика ва захираҳои об | |
| ***Кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | | |
| 7 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | |
| ***Идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | | |
| 8 | Кумитаи андоз | |
| 9 | Кумитаи забон ва истилоҳот | |
| 10 | Кумитаи ҷавонон ва варзиш | |
| 11 | Хадамоти иҷро | |
| 12 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | |
| **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии** | | |
| **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | | |
| 13 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ | |
| **Вилояти Суғд** | | |
| 14 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | |
| **Вилояти Хатлон** | | |
| 15 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | |
| **Шаҳри Душанбе** | | |
| 16 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | |
| **Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриявӣ** | | |
| 17 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | |
| 18 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҳисор | |
| 19 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода | |
| 20 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ | |

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон